«Мувофиқа карда шуд»
Вазири фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
______________ Ш.Орумбекзода
«____»__________ соли 2018

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба
номи Мирзо Трусунзода
______________ Идиев Х.
«________»______ соли 2018

# ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Бо қарори Шӯрои илмии ДДФСТ ба номи
Мирзо Турсунзода тасдиқ гардидааст
Суратҷаласаи № 10 аз 05.06. соли 2018

# ДУРНАМОИ РУШДИ ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА БАРОИ СОЛҲОИ 2018 - 2022

Душанбе - 2018

# ҲАЙАТИ МУАЛЛИФОН

Ба ҳайси ҳаммуаллифони ин консепсияи Дурнамои рушди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода барои солҳои 2018 - 2022 кормандон, донишҷӯён ва мушовирони зерин баромад карданд:

1. Идиев Хайридин Усмонович - доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, ректор, роҳбари гурӯҳ
2. Амиров Р.А. – номзади илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо
3. Турсунова М. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзо
4. Нарзуллоев Б. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзо
5. Мирахмедов Ф. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзо
6. Холов Б. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзо
7. Воҳидӣ Р. - дотсент, аъзо
8. Ёров С. - дотсент, аъзо

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

## МУНДАРИЧА

**Сарсухан ..................................................... 4-6**

**Боби 1. Шароити имрӯзаи фазои маълумоти олӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат**

- шароити умумиҷаҳонӣ- 6-7
- тамоюли инкишофи маорифи ҷумҳурӣ-7-12
- хусусиятҳои маълумоти соҳа-12-14

**Боби 2. Ҷанбаи бартариятдошта, норасоиҳо ва имкониятҳои муассисаи таълимӣ**

- ҳолати раванди таълим -14-16
- ҳолати пешбурди корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ -16-20
- ҳамкориҳои байналмилалӣ-20-21
- сатҳи пешбурди корҳои тарбиявӣ ва эҷодӣ -21-22
- вазъи пойгоҳи моддӣ-техникӣ -22-25

**Боби 3. Консепсияҳои мақсадноки дастгирии стратегияи инкишофи муассиса**

- ҷадвалҳо оид ба ҳолати имрӯзаи вазъи таълим, захираи кадрӣ, корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, эҷодӣ -26-30
- барномаи амалии инкишофи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода барои солҳои 2018-2022 -31-37

# САРСУХАН

Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода (минбаъд ДДФСТ) - ин муассисаи таҳсилоти олии муосири дараҷаи давлатиест, ки миёни макотиби олии пешбари ватанӣ мавқеи устуворро ишғол намуда, соҳиби пойгоҳи моддӣ - техникии қавию беназир ва зоҳиран волои зеҳние мебошад, ки тӯли таърихи тақрибан 50 - солаи инкишофи он ташаккул ёфтааст. Вале, дар шароити кунунӣ фазои илмӣ-таълимӣ ба иштирокчиёни он, ҳам ба шаклҳову усулҳо ва ҳам ба сифату натиҷаҳои фаъолияташон талаботи нав ба миён мегузорад. Ба ин тариқ, на фақат таҳким бахшидани мавқеи ДДФСТ дар соҳаи маориф ва илми гуманитарии ватанӣ, балки ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам берун аз он баромадан ба сатҳи сифатан ҷадид ва зимнан, иштирокдори комилҳуқуқи ҷомеаи илмӣ-таълимии ҳамагонӣ гаштан масъалаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Таҳлили марҳилаҳои ҷории рушди ДДФСТ аз ҷониби коршиносони соҳаи фарҳанг ва санъати ҷумҳурӣ нишон дод, ки бо нигоҳдории ҳолати ҷорӣ ҳадафҳо ва вазифаҳои бамиёнгузошташуда, дар навбати аввал масъалаҳои марбут ба такмили низоми идоракунии донишкада, ба даст нахоҳанд омад. Зеро таҳияю татбиқи бисёр ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда талаботи ҷадиди ба инобат гирифтани ҳам фазои умумиҷаҳонӣ ва ҳам фазои илмӣ-таълимии ватанӣ, тамоюлоти муосири рушди илм, самаранокии фаъолияти муассисаи таълимӣ, бисёрсамтии таълим ва ҷустуҷӯи усулу шаклҳои ба тавri динамикӣ тағйирёбандаи таълиму тарбия ва ғайраро ба миён мегузоранд. Барномаҳои амалкунандаи идоракунии донишкада афзалан ба ҳалли масъалаҳои ҷории таълим мутамарказ гардида, ба такомули вазифаҳои ояндаҳнигаронаи таълим, тарбиявӣ ва илм камтар таваҷҷуҳ менамоянд ва умуман аз рӯи мазмунашон характери нисбатан маҳдуд дошта, тарҳрезии дурнаморо дарбар намегиранд. Ҳолатҳои ишорагардида зарурати на фақат таҷдиди барномаҳои амалкунанда, балки коркарди дурнамои ДДФСТ, яъне ҳуҷҷати характери қатъиян дигарро ба миён овардаанд.

Дар назди гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи Дурнамои рушди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода барои солҳои 2018 - 2022 раёсат ба ғайр аз вазифаи таҳлили амиқи муҳити илмию таълимии донишкада, самаранокии амалиётҳои молиявию фаъолияти хоҷагидорӣ, воқеияти нишондиҳандаҳои омории сифати таҳсилот, сатҳи пешбурди корҳои илмию робитаҳои байналмилалӣ, сифати корҳои тарбиявию эҷодӣ, инчунин, зарурияти пешниҳоди роҳҳои ҳалли мушкилоти дар ин самтҳо ҷойдошта, гузошта шуда буд. Барои аз нигоҳи нав таҳлил кардани дастовардҳои ҷорӣ зарурият ба миён омад ва таҳлилҳо нишон доданд, ки аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳо, аз ҷумла татбиқи пажӯҳишҳои бунёдии сатҳи ҷаҳонӣ, фаъолияти навоваронаи таълимӣ, омодасозии мутахассисони унвонҳои илмию эҷодидошта ва ғайра корҳои то имрӯз анҷомдодашуда нокифоя мебошанд. Омӯзиши ин равандҳо барои расидан ба ин андешаи умумие

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

имкон дод, ки алҳол дар ДДФСТ низоми ҳаракатманди (динамикӣ)-и идоракуние бунёд нашудааст, ки ба зудтару самарабахштар воридсозии дигаргуниҳо дар чунин муассисаи таҳсилоти олии хусусияти калидидошта муносиб бошад. Барои дилхоҳ муассисаи таҳсилоти олии муосир имрӯз идоракунандаҳои ҳирфаие лозим аст, ки ба самаранокии фаъолияти омӯзгорони касбӣ, муҳаққиқон, олимон мусоидат намояд ва онро ба талаботи бозорие ҷавобгӯ созад, ки даврони ҳозира дар наздашон ба миён мегузорад.

Худтаъминкунанда будани муассисаи таҳсилоти олӣ дар ин самтҳо маънои онро дорад, ки он бояд на фақат аз уҳдаи ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин дар самти таълиму тарбия, пешбурди корҳои илмию эҷодӣ, фаъолияти хоҷагидорию ҷалби сарчашмаҳои нави маблағгузорӣ бароmада тавонад, балки онро манфиатбахш барои рушди ҳаёти маънавии ҷомеа пешниҳоду татбиқ намояд. Ин имкон медиҳад, ки ДДФСТ мақоми муассисаи таҳсилоти олии хусусияти инноватсионӣ ва калидидоштанро дар самти тайёр намудани мутахассисони соҳаи фарҳангу санъати мамлакат нигоҳ дошта, дар баробари мустаҳкам кардани иқтидори зеҳнии ҳайати профессорону омӯзгорон, таъмини иҷтимоии онҳо, пурра кардани стандартҳо ва нақшаҳои таълимӣ, татбиқи лоиҳаҳои илмию инноватсионӣ, инчунин, назорати фаъолияти донишандӯзии шогирдонро аз даргоҳи комиссияи қабул сар карда, то бо ҷойи кор таъмин карданашон бояд дар мадди назари аввал дошта бошад. Раванди таълими донишҷӯён бояд ҳарчи бештар дар шароити наздиктар бо муҳити минбаъдаи фаъолияташон ба роҳ монда шуда, таваҷҷуҳи асосӣ ба самти амалию фаъолмандӣ нигаронда шавад. Барои ин пойгоҳи моддию техникии донишкадаро бо лавозимоти ҳозиразамони таълим муҷаҳҳаз кардан яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад. Танҳо дар ҳамин замина мутахассиси барои соҳа рақобатпазир ва муносибу ҷавобгӯ ба талаботро тарбия кардан мумкин аст.

Ба ин тариқ, Дурнамои коркардшудаи рушди ДДФСТ асоси рушд ва таъмини минбаъдаи рақобатпазирии мо дар баробари муассисаҳои дигари таҳсилоти олии ватаниву хориҷии самташон гуманитарӣ-эҷодӣ хоҳад буд. Дурнамо бо назардошти вазифаҳои «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашр барои солҳои 2018-2022”, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017 №549 қабул кардааст, таҳия шудааст.

Барои ба ин ҳадафҳо ноил гардидан донишкада тамоми иқтидори зеҳнии худро минбаъд ҳам ба харҷ хоҳад дод ва дар татбиқи сиёсати хирадмандона ва мардумсолори Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми худро хоҳад гузошт. То имрӯз донишкада бисёр кадрҳои баландихтисос ва шахсиятҳои намоёни соҳаи фарҳангу ҳунарро ба воя расондааст, ки имрӯзҳо дар пешрафти фарҳанг, санъату ҳунар саҳми боризи хешро гузошта истодаанд. Хушбахтона, бисёре аз хатмкунандагони донишкада бо унвонҳои «Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон», «Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон» ва ғайра қадрдонӣ

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

гардидаанд. Айни замон бештар аз 75 нафар устодони донишкада соҳиби унвонҳои илмӣ ва ҳунарӣ мебошанд, ки ин барои тарбияи мутахассисони варзидаи соҳа имконияти мусоид фароҳам меорад.

**Бо такя ба ин иқтидори зеҳнӣ раёсати донишкада барои ташкили пойгоҳи муқтадири илмӣ ва ба ҳамин васила тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва унвондори риштаи фарҳанг ва санъат тадбирҳои муассир андешида, барои таъсиси Шӯрои диссертатсионӣ дар назди ДДФСТ ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуд. Комиссияи олии аттестатсионӣ дар асоси хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ ва қарори Раёсати КОА, аз 26 апрели соли 2018, №4/ 1 дар бораи таъсиси Шӯрои диссертатсионӣ дар назди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода фармоиш содир намуд. Дар ин росто, мутобиқи банди 12 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 17 «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои дисертатсионӣ» дар назди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D090600 - Фаъолияти фарҳангӣ - фароғатӣ, 6D091000 - Китобдорӣ ва 6D020400 - Фарҳангшиносӣ таъсис дода шуд.**

**Акнун, ба шарофати таъсиси Шӯрои диссертатсионӣ имкон пайдо шуд, ки дар баробари кадрҳои илмӣ - педагогии риштаҳои фарҳанг ва санъати Тоҷикистон, инчунин, пажӯҳишгарони кишварҳои хориҷӣ дар Шӯрои диссертатсионии назди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ намоянд.**

Шумораи шашуми маҷаллаи илмии донишкада таҳти унвони «Фарҳанг ва санъат» ба нашр расид. Нашрияи «Олами ҳунар» моҳе як маротиба мунтазам чоп мешавад. Моҳи сентябри соли 2017 синфхонаи ноташиносии бо технологияи муосир муҷаҳҳаз ва ба истифода дода шуд, ки имрӯз бо насби барномаи махсуси «Сибеллиус» устодони варзида ба шогирдон дар ин ҷо дарс мегӯянд.

ШУЪБАИ УМУМӢ ОБЩИЙ ОТДЕЛ

# БОБИ 1. ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ФАЗОИ МАЪЛУМОТИ ОЛӢ ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТ

## Шароити умумиҷаҳонӣ

Ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва пойдории сулҳу субот дар кишвар таҳти сарварию роҳнамоиҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди самтҳои асосии давлатдории миллиамон таъмин гардид. Маврид ба зикри хос аст, ки кишвари мо ҳамчун давлати иҷтимоӣ рушди илму маориф ва махсусан фарҳанги миллиро самти афзалиятноки сиёсати давлату Ҳукумат қарор додааст. Зеро пешрафти ҷомеа ва рушди устувори иқтисодиёти кишвар бештар ба масоили ташаккули маънавиёт алоқаманд аст. Ин нукта аз он бармеояд, ки марҳилаи ҳозираи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ- фарҳангии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба илм ва низоми омодагардонии мутахассисони касбӣ талаботи навро ба миён мегузорад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки ба соҳаҳои маорифу илм низ ворид мешаванд, на фақат ба шадидгардии рақобат, балки афзудани номуайяният ва таваккалҳои иловагӣ оварда мерасонанд. Мутобиқшавии муваффақона ба шароитҳои зудтағйирёбанда, нигоҳдории неруҳои зеҳнии тавонои донишкада, таҳкими тарафҳои қавӣ, таъмини идомати наслҳо, муайян кардани алтернативаҳои навоваронаи инкишоф, интиқоли арзишҳои аҳамиятнок ва дар баробари ин, вокуниши мувофиқ ба талабот ва пешрафти башарият барои муассисаҳои олиро ба миён меоранд. Ин ҳама зарурати коркард ва истифодаи муносибатҳои навоварона ва технологияҳоро дар илм ва низоми маълумоти олӣ тақозо дорад. Илм ва маорифи ҷаҳонӣ тайи қарнҳо ба шароитҳои нав на он қадар омода буданд. Суръати рушди илму маориф бемайлон паст мефарояд, ин махсусан дар самтҳои ба истилоҳ гуманитарӣ ва ихтисосҳое баръало ба назар мерасад, ки дар даҳсолаи охир ба олам кашфиёти аҳамиятнок ва назарияҳои ҷадидро ба миён нагузоштанд. Умуман, агар бигӯем, ки илми ҷаҳонӣ ва бинобар ин, маорифи ҷаҳонӣ ба умқи буҳрони давомнок фурӯ рафтаанд, чунин омилҳои нисбатан аҳамиятноки муҳити беруниву дохилиро ҷудо кардан мумкин аст, ки ба рушди низоми маориф таъсир расонда, онҳо дар навбати худ ба коркарди дурнамои рушди ДДСФТ ҷалб ва таваҷҷуҳи ҷиддитарро тақозо мекунанд.

## Тамоюли инкишофи маорифи ҷумҳурӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои марбут ба некуаҳволии иқтисодӣ ва иҷтимоии мардуми Тоҷикистон таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсияи худ давлати иҷтимоӣ эълон гардида, уҳдадор шудааст, ки барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Аз

ШУЪБАИ УМУМӢ ОБЩИЙ ОТДЕЛ

ин рӯ, ҳалли тадриҷии масъалаҳои иҷтимоии кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии давлати Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба ин, нақшу арзишмандии фарҳангу маориф дар ғанигардонии сармояи инсонӣ пайваста меафзояд. Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, зикр мекунанд, ки: «…дар ин раванд як нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд».

Дар заминаи болоравии рақобати умумиҷаҳонӣ барои мутахассиони варзидаи касбӣ ба қарорҳои навин дар соҳаи фароҳамсозии шароитҳои нисбатан мусоид барои худамалигардонии касбӣ ва шахсӣ, ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи марказҳои илмӣ-таълимӣ талаботи зиёд мавҷуд аст. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба дастгирии молиявии илму маориф, аз ҷумла дар соҳаи фарҳанг ва санъат, азму талош доранд. Зеро таҷрибаи байналмилалӣ, дар навбати аввал дар кишварҳои рӯ ба инкишоф нишон медиҳад, ки манбаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳсилоти миллат аст. Сармоягузорӣ ба иқтисодиёте, ки аҳолии он дорои сатҳи пасти таҳсилот ё таҳсилоти ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда мебошад, танҳо ба бунёди истеҳсолоти аз ҷиҳати технологӣ камсамар, қафомонии ҳарчи бештари кишвар аз тамоюлоти ҷаҳонии рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта, мусоидат карда метавонаду халос. Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта маориф яке аз омилҳои муваффақияти иқтисодии давлат мегардад. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, сатҳу сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи маориф, ташкили ҷараёни мураттабу хушсифати таълиму тарбияи талабагону донишҷӯён, хулоса аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст.

Дар баробари ин, мо бояд манбаъҳои нави ҷалби маблағро биҷӯем, зеро ки дар олами муосир мафҳуми нави содироти хизматрасониҳои таълимӣ, яъне ба даст овардани маълумоти олӣ аз ҷониби донишҷӯёни хориҷӣ ташаккул ёфта, дар ин маврид ҷаҳонишавӣ тавассути меъёрҳо ва дипломҳо амалӣ гардонда мешавад. Теъдоди ҳарчи бештари барномаҳои таълимӣ аз меъёрҳои сирф миллии сифат не, балки аз меъёрҳои байналмилалии он пайравӣ мекунанд. Он низомҳои маорифе, ки дар рақобати байналмилалӣ баҳри донишҷӯёни хориҷӣ ва ҳамчун, натиҷа, дар рақобати меъёрҳои сифати таълим иштирок намекунанд, дар ниҳояти кор кишварҳо ва донишгоҳҳои худро на фақат дар соҳаи маориф, балки дар илм ва умуман иқтисодиёт низ, рақобатнопазир мегардонанд.

Ҳамрадифи тамоюлоти фавқуззикр, инчунин, афзоиши талабот ба салоҳиятҳои ҳайати кормандони хатмкунандаи макотиби олӣ сурат гирифт. Масалан, интизориҳои корфармоён аз мутахассисони ҷавон-

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ тағйир ёфтанд: новобаста аз ихтисос ва сатҳи маълумот корфармо онро чашмдор аст, ки хатмкунанда на фақат маҷмӯи матлуби салоҳиятҳо, балки «касб»-ро низ ба даст орад, яъне хатмкунанда қодир бошад аллакай аз курсии донишҷӯӣ аз рӯи ҳадафҳо, масъалаҳо ва афзалиятҳои бамиёнгузошта мустақилона кор кунад. Ҳамин тариқ, хатмкунанда аллакай аз лаҳзаи хатм бояд соҳиби таҷрибаи воқеии кор аз рӯи ихтисос бошад, ба мустақилона баҳодиҳии вазъият ва қабули қарорҳои масъулиятнок қодир бошад. Дар маҷмӯъ, бо рушд ва густариши барномаҳои омӯзишӣ ин шароит имкониятҳои густардаи созмонҳои илмӣ-таълимиро оид ба роҳандозии ҳамкориҳои дарозмуҳлат бо корфармоён ба миён меорад. Шароити ишорагардида, инчунин, ивазкунии улгуи маорифро аз маорифи «донишдиҳанда» ба маорифи фаъолу сӯйи шахсият нигаронидашуда муайян мекунад, ки ташаккули шахсияти ҳадафманди хатмкунандаро на фақат тавассути додани донишҳо, балки маҷмӯи салоҳиятҳо ва чорабиниҳои берунитаълимӣ дар назар дорад. Ва ин ба таълимгиранда имконияти зуд мутобиқ шудан ба шароитҳои тағйирёбандаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва истифодаи донишҳои худро ҳангоми офариниши арзиши нави беназир барои истеъмолкунанда фароҳам меорад. Чунин тағйироти мафкура, ногузир, муносибатҳои навро ба лоиҳадорорӣ ва идоракунии раванди таълим талаб мекунад. Аз ҷумла, баррасӣ кардани масъалаҳои фаъолияти тарбиявӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири раванди таълимӣ бо назардошти пайванди зич байни илм ва таълим, аз як тараф ва раванди таълим ва фаъолияти берунитаълимӣ аз дигар тараф, зарур аст. Дар ин самт амалияи ҳамкории профессорони донишкада ва синфҳои соҳавии мактабҳо дурнамои хуб дорад, ки имконияти саривақт ба мақсади муайян нигаронидани довталабони оянда, ошкор ва дастгирӣ кардани истеъдодҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тавр, донишкадаи мо дар назди худ вазифаи тайёр кардани на фақат мутахассисони касбӣ, балки ташаккул додани шаҳрванд, узви арзандаи ҷомеаи ҷаҳониро мегузорад.

Ин тағйирот боиси пайдоиши интизориҳои нави донишҷӯён аз маълумоти дар мактаби олӣ бадастмеомада гардид: дар навбати аввал, довталабон аз муассисаҳои таълимӣ таъмини дараҷаи баланди ҳаётро бевосита баъди ҳатм интизоранд. Ҳамин тариқ, муассисаи имрӯзаи таълимӣ, ки ба тавфиқ довталабӣ дорад, бояд на фақат инфрасохтори тавонои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ, балки инфрасохтори ҳамгироёнае низ дошта бошад, ки имконияти то ба 100% боло бурдани таъминшавии донишҷӯёнро бо кор аз рӯи ихтисос фароҳам орад. Тамоюлоти ватании илм ва маориф зоҳиршавии ҳам тамоюлоти ҷаҳонии дар боло ишорашуда ва ҳам як қатор хусусиятҳои махсуси милливу минтақавиро намоиш медиҳад. Барои шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти диплом оид ба маълумоти олӣ арзиши муҳимтарини ҳаётӣ, омили халкунандаи некуаҳволӣ гардидааст. Чунин ҳолат тайи солҳои охир бозори маълумоти олии ватаниро, ҳам аз нуқтаи назари ҷалби довталабон ва ҳам аз мавқеи хатмкунии донишҷӯён тағйир дод.

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои истиқлолият анъанаҳои ғаниро нигоҳ дошта, дар соҳаи маориф бо роҳи гузарондани ислоҳоти мухталиф, аз ҷумла андешидани тадбирҳои зерин, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид: - заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардид; - заминаи қонунгузорӣ аз нав таҳия гардид; - стандартҳои давлатии таълимии нави таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таҳия ва қабул гардиданд, низоми дузинагии таҳсилоти олии касбӣ (бакалавриат ва магистратура, бо нигоҳ доштани ихтисоснокӣ дар ҳолатҳои алоҳида) ҷорӣ гардид, нақшаву барномаҳои нави таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таҳия ва дар амал ҷорӣ карда шуданд; - консепсияҳои истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни идоракунии низоми маориф ва фаъолияти таълимӣ таҳия ва қабул гардиданд; - таҷрибаи иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти таълимӣ, инчунин аттестатсияи давлатӣ ва ваколатдиҳӣ ба муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шуд; - таъмири асосии мактабҳо ва сохтмони мактабҳои нав анҷом дода мешавад; - шабакаи муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ инкишоф меёбад; - китобҳои дарсии нави замонавӣ таҳия ва интишор гардиданд.

Аз соли 2000 то соли 2010 як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян намуданд. Онҳо асосан ба навсозии соҳаи маориф, комёб шудан ба дастрасии баробар ба маориф, ҳалли масъалаҳои гендерӣ, баланд бардоштани сифати таълим, рафъи камбизоатӣ бо роҳи баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ равона гардидаанд. Қонунҳои нави қабулгардида, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», «Нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009», «Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Барномаи давлатии сохтмон, таъмир ва азнавсозии мактабҳои дар хонаҳои хусусӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурӣ ҷойгиршуда дар соли 2008-2015», «Барномаи давлатии таъминоти муассисаҳои маориф ва илм бо утоқҳои таълимӣ ва заминаи илмию таҳқиқотӣ», «Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007-2010», «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар солҳои 2008-2015», «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», «Барномаи давлатии омӯзиш ва таълими забонҳои русӣ ва англисӣ барои соли 2001- 2014» ва ғайра дар такмили соҳаи маориф нақши муҳим гузоштанд.

Воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба имзо расонидани созишномаю санадҳои байналмилалӣ, ҳамгироӣ ба низоми

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

ҷаҳонии маориф, мубодилаи доишҷӯён ва кадрҳои илмӣ, эътирофи дипломҳо ва дигар вазифаҳои зиёди марбут ба тайёрии кадрҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ ба ҳамкории васеи байналмилалӣ роҳ кушоданд ва ин ҳамкориҳоро ҳамаҷониба вусъат бахшидан лозим аст. Дар доираи созишномаҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаи соҳаи маориф ҳар сол ба шаҳрвандони Тоҷикистон барои идомаи таҳсил дар мактабҳои олии кишварҳои аъзои ИДМ (Федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Украина ва ғ.) квотаҳо ҷудо карда мешаванд. Теъдоди созишномаҳои байни мактабҳои олӣ дар доираи ИДМ меафзояд. Шумораи донишҷӯёни кишварҳои ИДМ, ки дар муассисаҳои таълимии олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, афзоиш меёбад. Аз ҷумла, дар ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода донишҷӯён аз Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Афғонистон ва ғайра таҳсил мекунанд.

Дар ҳуҷҷати Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 вобаста ба дурнамои таҳсилоти олӣ дар кишварамон таъкид шудааст, ки: «Таҳсилоти олии касбӣ ба таъмини зарурати рушди босуръати сармояи инсонӣ, ҳамчун омили муҳими комёб шудан ба рақобатпазирии кишвар ва баланд бардоштани обрӯю эътибори байналмилалии он равона гардидааст. Сарфи назар аз дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши ҳарсолаи маблағгузорӣ аз буҷет, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ зиёдшавии тамоюли номатлуб идома дошта, проблемаҳое ҷой доранд, ки ҳалли онҳо барои хеле баланд бардоштани самараи низоми таҳсилоти олӣ ва ба талаботи бозори меҳнат наздик овардани нишондиҳандаҳои сифатию миқдории он имконият хоҳад дод. Ба ҷумлаи проблемаҳои асосии рушди минбаъдаи таҳсилоти олӣ инҳо дохил мешаванд: - дараҷаи таъминоти аксарияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо заминаи моддию техникӣ, адабиёти таълимию методӣ, компютерҳои замонавии ба шабакаи Интернет пайвастшуда ҳанӯз ҳам хеле паст буда, ҷавобгӯи талаботи муқарраргардидаи стандартҳои таълимӣ намебошад; - таҳсилоти олӣ бо фаъолияти илмӣ дар ҷумҳурӣ ҳамгироии суст дорад, ки ин ба сифати тайёр кардани мутахассисон таъсири манфӣ расонида, ҳамзамон иқтидори рушди таҳқиқоти илмиро коҳиш медиҳад; - набудани низоми дақиқи ташкили такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ; - низоми таҳсилоти олӣ ба талаботи бозори меҳнат равона нагардидааст; - истифодаи усулҳои пешқадаму самараноки идоракунӣ дар низоми идоракунии таҳсилоти олӣ суст ба роҳ монда шуда, ба масъалаҳои банақшагирии дохилии мактабҳои олӣ, идоракунӣ ва арзёбии сифати таҳсилот таваҷҷуҳи кофӣ дода намешавад; - набудани низоми самараноки ҷамъиятию давлатии назорати сифати таҳсилот ба арзёбии мувофиқу ошкорои натиҷаҳои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ; -

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН ... ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ИНСТИТУТ КУЛЬТУРЫ И ИСКУССТВ ... ТУРСУНЗОДА
ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

набудани таҷрибаи кофии ташкили низоми таҳсилоти фосилавӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ; - инкишоф наёфтани таҳсилоти бефосилаи касбӣ ҳамчун механизми таъмини талаботи ҷорӣ ва минбаъдаи ҷомеа ва иқтисоди босуръат тараққикардаистода. Миқёси таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ чандон калон нест: фарогирӣ бо таҳсилоти олӣ тахминан 18 фоизи аҳолии синну соли дахлдорро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба кишварҳои рӯ ба инкишофи Аврупо ва Осиёи Марказӣ 2,5 баробар пасттар мебошад. Дар таҳсилоти олӣ низ номутаносибии назаррас ҷой дорад: қисми асосиро (52 фоиз) донишҷӯёни ихтисосҳои марбут ба илмҳои гуманитарию иҷтимоӣ ва фарҳанг ташкил медиҳанд, боз 16 фоизи дигар ба ихтисосҳои марбут ба илмҳои табиӣ рост меоянд. Донишҷӯёни ихтисосҳои муҳандисию сохтмон танҳо 15 фоизи шумораи умумии толибилмонро ташкил мекунанд. Хоҷагии қишлоқ бахши калонтарин ва зуд инкишофёбандаи иқтисодиёт мебошад, вале донишҷӯёни аз рӯи ихтисосҳои аграрӣ таҳсилкунанда ҳамагӣ 3 фоиз, соҳаи хизматрасонӣ бошад, 1 фоизро ташкил медиҳанд. Бозори имрӯзаи меҳнат қисми зиёди хатмкунандагони мактабҳои олиро аз рӯи ихтисос ва дараҷаи тахассусии касбкардаашон бо ҷойҳои корӣ таъмин карда наметавонад. Дар натиҷа таҳсилоти олӣ дар кишвар беқурб мегардад, бинобар набудани талабот сифати он паст шуда, хароҷоти беҳуда ба таҳсилот зиёд мешавад. Мутахассисони хуб кишварро тарк мекунанд - ҳамин тариқ Тоҷикистон рушди иқтисодии дигар кишварҳоро маблағгузорӣ менамояд[1]».

### Хусусиятҳои маълумоти соҳа

Дар ҳамаи суханрониҳо ва мусоҳибаву музокироти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи фарҳанг мавзӯи муҳим ва меҳварӣ арзёбӣ мешавад. Аз ҷумла, дар Паёми навбатии хеш Президенти кишвар таваҷҷуҳи ҳамаи сокинонро ба ҳалли проблемаҳои таъхирнопазири соҳаи фарҳанг ҷалб намуда, иброз доштанд, ки «Дар ин марҳилаи муҳим мақсаду вазифаҳои фарҳанг бештар ба масъалаҳои ташаккули маънавиёт, омӯзиши амиқи таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, инчунин дар тафаккури мардум ва махсусан наврасону ҷавонон густариш додани эҳсоси эҳтиром ба муқаддасоти милливу рамзҳои давлатӣ равона мегардад». Ҳамчунин, масъалаи тарбияи кадрҳои болаёқати соҳаи фарҳанг ба сифати самти муҳими сиёсати давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ мавриди таваҷҷуҳи Президенти кишвар қарор дорад. Дар омода намудани кадрҳои соҳибтахассус дар соҳаҳои мусиқӣ, санъати хореографӣ, фаъолияти осорхонаву китобхонаҳо ва

[1] Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

ғайра Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода нақши муассир дорад. Бо дарки зарурияти тарбия намудани мутахассисони варзидаи соҳаи фарҳангу санъат донишкада ба таҳким бахшидани илму таълим диққати ҳамаҷониба дода, барои ворид гардидан ба фазои ягонаи таҳсилот ва ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии таҳсилот тамоми имкониятҳоро мавриди истифода қарор медиҳад. Бо вуҷуди имкониятҳои васеи фароҳамовардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саъю талошҳои Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода дар самти таъминот бо мутахассисони баландихтисос дар муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳангу санъат, муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва эҷодӣ-касбӣ душвориҳои муайян ба назар мерасанд.

Яке аз масъалаҳои дар ин мавриди аҳамияти рӯзмаррадошта ин татбиқи зина ба зина маълумотгирии касбӣ мебошад, ки он тавассути тарбияи мақсадноки мутахассис аз зинаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳо ва минбаъд сатҳи маълумотдиҳии олӣ амалӣ мегардад. Дар шароити имрӯза, мутаассифона, ин амалия ҳама вақт пурра риоя намегардад ва ин ба сифати омодасозии мутахассисони соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

Айни замон дар ҷумҳурӣ <u>84</u> мактаби мусиқӣ ва бадеӣ фаъолият менамоянд, ки шумораи умумии тарбиятгирандагонашон 11 123 нафарро ташкил медиҳад. Чунон ки маълум аст дар ин мактабҳо кӯдакону наврасони 7-15 - сола ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Мутаассифона, пас аз хатми мактаб қисми зиёди онҳо дар самти худашон, яъне дар коллеҷҳо ва макотиби олии вобаста ба соҳаи фарҳанг таҳсилашонро идома намедиҳанд. Бархилофи ин, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пас аз хатм ҳуҷҷатҳояшонро ё ба Донишкадаи давлатии санъат ва фарҳанги Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ё ба Консерваторияи миллӣ ба номи Талабхуҷа Сатторов супорида, сазовори номи донишҷӯӣ мегарданд. Таҳлилҳои мутахассисони соҳа нишон медиҳанд, ки нафарони аз мактаби мусиқии ибтидоӣ нагузашта наметавонанд дар оянда ҳамчун мутахассиси баландпоя ба воя расанд ва барои рушди мусиқии касбӣ саҳми арзандаи хешро гузоранд. Ҳарчанд тайи чанд соли охир бо иқдоми раёсати Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода устодони таҷрибадори ин боргоҳи маънӣ дар дигар муассисаҳои фарҳангӣ дарс мегӯянд ва кӯшиш менамоянд, ки мутахассисони касбиро тарбия намоянд, аммо омилҳое ҳастанд, ки монеи кори устодон мегарданд. Таҷрибаи андӯхтаи раёсати донишкада ва устодони ботаҷриба нишон дод, ки дар тайёр намудани мутахассисони болаёқати соҳаи фарҳанг таҳсил бояд зина ба зина роҳандозӣ шуда, назорат дар ин самт низ ҷиддӣ гардад.

Барои амалӣ гардидани ин мақсадҳо Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ҳамчун як институти бузурги фарҳангу санъат метавонад ба сифати роҳнамову раҳбар ҳамаи фаъолияти муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳангу санъат

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

ва коллеҷҳои тахассусиро танзим намояд. Бо ин назардошт, раёсати донишкада кӯшиш менамояд, ки дар партави татбиқи “Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашр барои солҳои 2018-2022” барои дар тобеияти донишкада даровардани баъзе аз муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳангу санъат, коллеҷҳо, инчунин ба роҳ мондани ҳамкории васеи устодони донишкада бо ин муассисаҳо талош намояд.

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

# БОБИ 2. ҶАНБАИ БАРТАРИЯТДОШТА, НОРАСОИҲО ВА ИМКОНИЯТҲОИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

## Ҳолати раванди таълим

ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода шурӯъ аз соли 1973, яъне аз лаҳзаи ташкилшавиаш то имрӯз аввалин донишкадаи давлатиест, ки мутахассисони касбии соҳаи фарҳанг ва санъатро тайёр мекунад. Тибқи иҷозатнома дар ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода аз рӯи 17 равия мутахассис омода карда мешавад. Ҳамчунин, барои такмил додани дониши хатмкардагон ва мутахассисон такмили ихтисос аз рӯи 10 равия мавҷуд аст. Ҳайати профессорон ва омӯзгорони касбие, ки дорои унвонҳои илмиву ҳунарӣ мебошанд, 35% -ро ташкил медиҳанд, ки то андозае ҷараёни таълимро таъмин менамоянд. Нақшаи таълимии ДДФСТ омӯзиши 1120 фанни таълимиро фаро гирифта, машғулиятҳои ихтиёрӣ ва курсҳои эҷодиро низ дар бар гирифтааст. Дар маҷмӯъ, донишкада ягона мактаби олии давлатие мебошад, ки дар соҳаҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, гуманитарӣ-эҷодӣ ва бисёр равияҳои фарҳангу маориф мутахассиси баланди касбӣ тайёр менамояд, ки назираш дар ҷумҳурӣ дида намешавад.

Донишкада аз соли 2017 инҷониб пурра ба низоми кредитии таълим гузашта, барои татбиқи мақсадноки низоми мазкур саъю кӯшиш намуда истодааст. Тибқи ин низоми таълим довталабон ба донишкада асосан ба воситаи Маркази миллии тестӣ дохил мешаванд. Аз 16 ихтисоси дар донишкада амалкунанда 9 ихтисос хусусияти эҷодӣ дорад: (санъати мусиқӣ, санъати актёрӣ, режиссура ( намоишҳои театрӣ ва идҳо, кино, театр, телевизион), сурудхонии халқӣ, эҷодиёти халқӣ (мусиқии созӣ), санъати хореографӣ, таҳсилоти томактабӣ (санъати мусиқӣ ва хореография). Тибқи тартиби муқарраршудаи Маркази миллии тестӣ довталабони ин ихтисосҳо пеш аз имтиҳони кластерӣ дар донишкада имтиҳони маҳорати эҷодӣ месупоранд. Вале, мутаассифона, аксари он нафароне, ки аз ин имтиҳон холи зиёд мегиранд ва дорои истеъдоди баланд мебошанд, дар натиҷаи имтиҳонҳои силсилавӣ дар Маркази миллии тестӣ ба донишгоҳу донишкадаҳои дигар меафтанд. Дар натиҷа, чунин ҳолат то андозае барои ба воя расондани мутахассисони варзидаи касбӣ барои мо монеа эҷод мекунад. Аксарияти довталабони ба ихтисосҳои эҷодӣ ба донишкада воридгашта, мутаассифона, маҳорату истеъдоди касбӣ надоранд. Барои дарёфти чунин истеъдодҳо талаботҳое мавҷуд аст, ки ба инобат гирифтани онҳо зимни имтиҳони тестӣ ғайриимкон аст.

Бо назардошти ин, минбаъд барои ба шакли анъанавӣ ба роҳ мондани қабули довталабон аз рӯи ихтисосҳои эҷодӣ мусоидати сохторҳои дахлдор пешниҳодҳо манзур карда мешаванд. Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ягона муассисаи пойгоҳӣ барои тарбияи мутахассисони варзидаи

ШУЪБАИ УМУМӢ ОБЩИЙ ОТДЕЛ

фарҳангу санъат ба шумор меравад ва татбиқи чунин таҷриба дар ин ҷо ба манфиати инкишофи соҳа хоҳад буд.

Дар ҳоли ҳозир омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ зарурати ҳамгироии мактаби олиро ба бизнесмуҳити таълимӣ, илмӣ, ҳамкории самаранок бо давлат муайян карда, барои амалӣ гардондани вазифаҳои он, ҳалли масъалаҳои умумимиллии бамиёномада кӯмак мерасонад ва зимни ин дар тамоми мазмунҳои субъект мустақил боқӣ монданро тақозо мекунад. Ин талаботи хеле пурихтилоф ва масъалаи душвориҷрошаванда мебошад. Дар иртибот ба ин, муайян кардани авлавиятҳои дурнамоии рушди ДДФСТ - ро бо таҳлили фазои илмӣ-таълимии ҷаҳонӣ ва ватанӣ пайвастан зарур аст.

Пеш аз он ки ба ҷиҳатҳои қавӣ, заиф ва имконоти ДДФСТ назар афканем, мо равияҳои асосиеро, ки дар инҷо омода карда мешаванд ва самти фаъолияти донишкадаро мушаххас менамоянд ба таври мухтасар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем.

Дар донишкада омода кардани донишҷӯён дар якчанд кафедра аз рӯи гурӯҳҳои алоҳида муайян аст ва иҷрои саривақтии онҳо низ аз ҷониби масъулон таъмин карда мешавад. Аммо барои донишҷӯёне, ки ба ягон кафедра вобастагӣ надошта бошанд ва дар ниҳоят тавонанд барои интихоби ин ё он фанни таълимии барои худашон писанд талош варзанд, шароити мусоид фароҳам оварда нашудааст.

Дар донишкада феҳрасти фанҳое, ки ба кафедраҳо марбутанд муайян мебошанд. Вале ба маърази ҳамагон нагузоштани таҳлили фаъолияти кафедраҳо боис мешавад, ки рақобати таълимию илмии кафедраҳо байни ҳамдигар суст гардад. Ҳамчунин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки неруҳои зеҳнии донишкада ба тарзи оқилона истифода намешаванд ва илова бар ин, кормандон ба таври инфиродӣ ҷиҳати рушди таълиму тарбия кӯшиш ба харҷ намедиҳанд.

Ҳамзамон, лозим аст боислоҳи мушкилоти ҷойдошта, барои омода намудани мутахассисони баландпояи соҳаи илму фарҳанг саъю талош варзем. Зеро айни ҳол натиҷаи кор дар ҳама зинаҳои илму таълим - бакалавриат, магистратура, аспирантура ва доктор аз рӯи ихтисос (PhD) он қадар чашмрас нест. Ба ибораи дигар, то дар ҳама равияҳои мазкур ислоҳот ҷорӣ нашавад, мо дарояндаи наздик мутахассисони заруриро ба камол расонда наметавонем.

## Ҳолати пешбурди корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ

Дар ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода барои пешбурди фаъолияти илмӣ -таҳқиқотӣ шароити мусоид муҳайё карда шуда, дар ин замина барои тайёр намудани кадрҳои илмӣ - педагогӣ магистратура, аспирантура ва доктор (PhD) аз рӯи ихтисосҳои фарҳанг ва санъат амал намуда истодааст. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар тибқи Иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 19 июни соли 2017 АУ №0001925 аспирантура бо ихтисоси 13.00.05 - Назария ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ, 05.25.03 -

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

Китобхонашиносӣ ва библиографияшиносӣ, 10.01.10 - Журналистика, 17.00.01 - Санъати театрӣ фаъолият намуда истодааст, ки дар тайёр намудани кадрҳо нақши бориз доранд. Зинаи магистратура аз соли 2015 оғоз гардида, аз рӯи ихтисосҳои Режиссураи драма (курсҳои олӣ), санъати мусиқӣ, Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ, Рӯзноманигори телевизион, Менеҷменти фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, Режиссураи намоишҳои театронишуда ва идҳо, Фарҳангшиносӣ ба фаъолият шуруъ намуд. Дар соли аввали фаъолияти магистратура аз рӯи се самт - санъати мусиқӣ, китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ ва режиссураи идҳои оммавӣ ва намоишҳои театронидашуда довталаб қабул карда шуд. Тибқи нақшаи қабули магистратура дар соли таҳсили 2017 - 2018 аз рӯи ихтисосҳои рӯзноманигори телевизион, фарҳангшиносӣ, санъати мусиқӣ, режиссураи идҳои оммавӣ ва намоишҳои театронидашуда, фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ, дар маҷмӯъ 14 нафар қабул гардид.

Ҳоло дар донишкада аз 220 омӯзгор 2 нафар Узви вобастаи АИ ҶТ, 5 нафар доктори илм, 32 нафар номзади илм ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва илмӣ - методӣ машғул мебошанд. Дар маҷмӯъ, дар донишкада 6 нафар дорои унвони илмии профессор, 21 нафар унвонҳои илмии дотсент мебошанд. Дар донишкада 25 нафар бо унвонҳои фахрии Ҳунарманди халқии Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, Арбоби ҳунари Тоҷикистон ва Корманди шоистаи Тоҷикистон ба фаъолияти илмӣ - эҷодӣ машғуланд. Ҳайати профессорон ва омӯзгорони касбие, ки дорои унвонҳои илмиву ҳунарӣ ҳастанд 35% -ро ташкил медиҳанд, ки то андозае ҷараёни таълимро таъмин менамоянд.

Фаъолияти илмии омӯзгорон, аспирантон ва унвонҷӯён дар асоси мавзӯҳои илмӣ - таҳқиқотии «Масъалаҳои рушди фарҳанги маънавӣ: вазъият ва дурнамо», «Ташаккули равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобдорӣ -иттилоотшиносӣ», «Нақши воситаҳои ахбори омма дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Фарҳанги миллӣ дар осори адабии асрҳои X-X111», «Нақши фанҳои ҷомеашиносӣ дар ташаккули фарҳанги маънавӣ» ба роҳ монда шудааст. Аммо самтҳои илмӣ - таҳқиқотӣ талаботи ҷомеаи навини Тоҷикистонро ба равияҳои нави илмии дар соҳаи фарҳанг ва санъат ҷоригардида, пурра қонеъ гардонда наметавонанд. Аз ин рӯ, вобаста ба ниёзмандии замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз неруи илмии донишкада истифода карда, барои пешниҳоди равияҳои нави илмӣ ба Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ - таҳқиқотии АИ ҶТ таклифҳо омода намуда, ба масъалаҳои таҳқиқотҳои бунёдӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат машғул гардидан, яке аз самтҳои афзалиятноки илмии донишкада дар оянда ба шумор меравад.

Сабабҳои рушд ва афзоиш наёфтани кадрҳои илмӣ - таҳқиқотӣ маҳз мавҷуд набудани шӯроҳои диссертатсионӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат буд, ки аксари мутахассисон баъди хатми шуъбаи аспирантура бо ихтисосҳои фарҳанг ва санъат наметавонистанд дар дохили ҷумҳурӣ

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

рисолаҳои худро дифоъ намоянд. Бо сабаби набудани заминаи молиявӣ роҳбарияти донишкада наметавонист он аспирантонеро, ки рисолаҳои худро омода намуда буданд, ба шӯроҳои диссертатсионии донишкадаҳои Федератсияи Россия барои дифоъ намудан фиристад. Дар чунин ҳолат аксарияти мутахассисони донишкада маҷбур шуданд, ки рисолаҳои худро дар самти илмии педагогикаи умумӣ, таърихи ватан ва фалсафа дифоъ намоянд, ки дар маҷмӯъ равияҳои илмии онҳо ба ихтисосҳои фарҳанг ва санъат мутобиқ набуда, талаботи кафедраҳои тахассусиро қонеъ гардонда наметавонист.

Баъди ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таъсиси Муассиссаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 12 августи соли 2014, №255, дар ҳаёти иҷтимоӣ-илмии кишвар дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд. Раёсати донишкада бо истиқбол аз ин иқдоми Пешвои муаззами миллат барои ташкили пойгоҳи муқтадири илмӣ ва ба ҳамин васила тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва унвондори риштаи фарҳанг ва санъат тадбирҳои муассир андешида, барои таъсиси Шӯрои диссертатсионӣ дар назди ДДФСТ ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуд.

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ ва қарори Раёсати КОА, аз 26 апрели соли 2018, №4/ 1 дар бораи таъсиси Шӯрои диссертатсионӣ дар назди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода фармоиш содир намуд. Дар ин росто, мутобиқи банди 12 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 17 «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои дисертатсионӣ» дар назди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D090600 - Фаъолияти фарҳангӣ - фароғатӣ, 6D091000 - Китобдорӣ ва 6D020400 - Фарҳангшиносӣ таъсис дода шуд.

Дар навбати дуюум барои кушода шудани Шӯрои диссертатсионӣ дар равияҳои санъати актёрӣ, санъатшиносӣ, таҳсилоти мусиқӣ ва рӯзноманигори телевизион талош варзидан лозим ва зарур мебошад. Дар солҳои оянда ба нақша гирифтани постдокторантура барои онҳое, ки дар риштаи дотор (PhD) рисолаҳои номзадӣ дифоъ менамоянд, хеле зарур мебошад.

Мавзӯи илмӣ - таҳқиқотии донишкада таҳти унвони «Масъалаҳои рушди фарҳанги маънавӣ: вазъият ва дурнамо» (барои солҳои 2017-2021) дар ҳаҷми 950680 аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ - таҳқиқотии АИ ҶТ дастгирӣ ёфта, онро Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, аз 6 июни соли 2016 №12\2 249 тасдиқ намуд ва барои маблағгузорӣ намудан, аз январи соли 2017, ба Вазорати молия ирсол

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

намуд. Ҳамзамон, лоиҳаи пешниҳоднамудаи Китобхонаи илмии донишкада таҳти унвони «Бунёди бойгонии захираҳои иттилоотӣ-электронӣ дар китобхонаи илмии ДДФСТ ба номи М. Турсунзода» (барои солҳои 2017-2019) дар ҳаҷми 120000 ҳазор аз ҷониби вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт ва аз моҳи январи соли 2017 маблағгузории илмӣ шурӯъ шуд.

Донишкада имрӯз таъсисдиҳандаи маҷаллаи илмии «Фарҳанг ва санъат» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои ба талаботҳои стандарти илми ҷаҳонӣ мутобиқ намудани он корҳои муайнеро, аз қабили ба қайд гирифтани он тибқи Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо (Қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 27 апрели соли 2017 №1\2) ба иҷро расонда истодааст. Аллакай чор шумораи ин маҷалла аз чоп баромад. Намунаи он ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба қайд гирифтан, пешниҳод гардид. Донишкада ҳамкориҳои илмӣ-таҳқиқотиро бо олимони Донишкадаи давлатии фарҳанги шаҳри Челябинск, Донишкадаи давлатии фарҳанги Олтойи шаҳри Барнаул, Донишкадаи давлатии фарҳанги Чувашияи Федератсияи Россия ба роҳ мондааст. Дар конфронсҳои илмӣ - назариявии барпонамудаи ин муассисаҳои таълимӣ омӯзгорон, аспирантҳо ва унвонҷӯёни донишкада иштирок намуда, мақолаҳои илмии онҳо дар маҷаллаҳои илмии ин донишкадаҳо мунтазам нашр мешаванд.

Донишкада соли 2017 узви Ассосиатсияи донишкадаҳои АвроОсиё гардид. Дар ин раванд донишкада дар доираи мавзӯи Донишкадаи давлатии фарҳангии Олтойи шаҳри Барнаул ба коргарди мавзӯи илмӣ - таҳқиқотии «Мероси фарҳангии кишвари АвроОсиё» шурӯъ намуд. Барои минбаъд вусъат бахшидани корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва корҳои таълимӣ ва эҷодӣ самти On-Lain ташкил гардид. Тибқи нақша чорабиниҳои муштараки илмӣ, таълимӣ ва эҷодӣ аллакай сурат гирифтанд. Дар оянда ин раванд бо дигар донишакадаҳое, ки донишкада қарордодҳои ҳамкорӣ ба имзо расондааст, идома хоҳад ёфт.

Хазинаи асосии китобхонаи илмии донишкада имрӯз 54575 нусха адабиёти таълимӣ ва илмию эҷодиро доро мебошад. Ҷиҳати пуррагардонии хазинаи китобхонаи электронӣ як қатор чорабиниҳо дар соли ҳисоботӣ андешида шуданд. Зиёда аз 100 номгӯи китобҳои фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз шуъбаи электронии Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба Китобхонаи илмии донишкада интиқол дода шуд. Ҳоло, дар маҷмӯъ хазинаи китобхонаи электронии донишкада ба 3800 адад расонда шудааст.

Дар донишкада барои ҷалби ҳар чи бештари донишҷӯён ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва ошно намудани донишҷӯён ба масъалаҳои муҳими фарҳанг ва санъат дар назди кафедраҳои назариявӣ маҳфилҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, ба монанди «Ҷаҳони фарҳангӣ» (кафедраи филология), «Забон донӣ, ҷаҳон донӣ» (кафедраи забонҳои хориҷӣ),

ШУЪБАИ УМУМӢ ОБЩИЙ ОТДЕЛ

«Муррихони ҷавон» (кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ), «Дӯстдорони мусиқӣ» (кафедраи таърих ва назария мусиқӣ), «Журналисти телевизион» (кафедраи рӯзноманигори телевизион), «Фарҳангшинос» (кафедраи фарҳангшиносӣ ва педагогика) ва дар назди Китобхонаи илмии донишкада «Олами маънӣ» амал менамоянд. Маҳз тавассути фаъолияти ин маҳфилҳои илмӣ қобилияти илмии донишҷӯён муайян ва дар оянда аз ҳисоби онҳо тайёр намудани кадрҳои илмӣ дар бахшҳои магистратура ва доктор (PhD) пешбинӣ карда мешавад.

### Ҳамкориҳои байналмилалӣ

Як бахши муҳими донишкадаро фаъолияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ташкил менамояд, ки ин раванд имкон медиҳад, ки мо бо дигар донишкадаҳо дар доираи масъалаҳои таълимӣ, илмӣ ва эҷодӣ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монем. Имрӯз донишкада бо 20 донишгоҳу донишкада ва консерваторияҳои кишварҳои ИДМ ва хориҷи дур, аз қабили Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Белорус, Украина, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонда, дар доираи ин санадҳо ҳамкориҳои илмӣ, таълимӣ, эҷодиро идома дода истодааст. Дар соли сипаришуда донишкада аъзои Ассотсиатсияи донишкадаҳои эҷодии АвроОсиё гардид ва дар ин самт аллакай ҳамкориҳои илмӣ, таълимӣ ва эҷодӣ шурӯъ гардидааст. Донишкада дар соли 2017 бори нахуст дар Осиёи Миёна Фестивали байналмилалии мусиқиро таҳти унвони «Садои дилрабои Арғунун» доир намуд, ки дар он арғунуннавозон аз кишварҳои Олмон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ширкат намуданд. Роҳбарияти донишкада дар доираи сиёсати дарҳои кушода минбаъд низ ҳамкориҳои байналмилалиро идома медиҳад.

### Сатҳи пешбурди корҳои тарбиявӣ ва эҷодӣ

Ҳамчунин, раёсати донишкада дар самти тарбияи мутахассисон дар рӯҳияи ватандӯстиву меҳанпарастӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ҳадафи ниҳоии донишкада аз он иборат аст, ки мутахассисони баландпояи соҳаи фарҳанг ва санъатро омода намуда, ба ин восита барои пойдории фарҳанги миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ мусоидат намояд.

Фаъолияти тарбиявию эҷодии устодону донишҷӯёни донишкада тавассути нақшаҳои солонаи дар факултетҳо пешниҳод ва тасдиқгашта ба роҳ монда шудааст. Омӯзгорон ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки сатҳ ва сифати машғулиятҳои марбут ба корҳои эҷодӣ дар факултетҳо вобаста ба барномаҳои таълимӣ ва талаботи имрӯза ҷараён гирифта, дараҷаи маҳорат ва малакаи иҷрокунандагии шогирдон хубтар ташаккул ёбад. Тасдиқи ин гуфтаҳоро дар мисоли ансамблҳои

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

«Шашмақом», «Бонувон», «Фалаксароён», “Бунафша” гуфтан ҷоиз аст, ки дар таҳия ва тарҳрезии барномаҳои онҳо саҳми устодони донишкада Ҳабибов Ш., Ҳайдаров З., Искандаров М. ва Қурбони Қ. назаррас буда, ансамблҳои мазкур бо барномаҳои ҷолиб дар тамоми чорабиниҳои фарҳангии донишкада ва берун аз он ҳунари худро нишон доданд.

Гурӯҳи ансамбли “Шашмақомсароён”, ки устодон ва шогирдони донишкадаро дарбар мегирад, дар ҳама чорабиниҳои фарҳангии донишкада саҳмгузоранд. Ин гурӯҳ ҳар сол, дар Рӯзи таҷлили Шашмақом, бо барномаҳои рангину зебо баромад менамояд. Ансамбли “Бонувон”-и донишкадаро аслан донишҷӯдухтарони факултети мусиқӣ-омӯзгорӣ ташкил медиҳанд. Ансамбли номбурда дар тамоми чорабиниҳои факултет, донишкада ва ҳукуматӣ ширкат варзидааст. Дар омодасозии барномаҳои консертии донишкада ҳиссаи ҳамаи факултетҳо ва кафедраҳои сарояндагӣ (халқӣ), Ансамбли мусиқии мардумӣ, ансамбли “Шашмақомсароён” ва кафедраҳои нутқи саҳнавӣ, маҳорати актёрӣ ва рӯзноманигори телевизион, кафедраи хореография назаррас аст. Қобили зикр аст, ки донишҷӯёни факултети фаъолияти китобдорӣ - иттилоотӣ дар баробари донишҷӯёну устодони ҳамаи факултету кафедраҳо дар чорабиниҳои ҳунарии донишкада фаъолона ширкат меварзанд.

Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд. Бо мақсади пешгирии ин падидаи номатлуб дар хобгоҳи донишҷӯён силсилаи вохӯриҳо дар мавзӯҳои ахлоқи ҳамида, тартибу низоми донишҷӯён, масъалаҳои таълим ва тарбия доир гардида, озмунҳо, машваратҳо ва мубоҳисаҳо дар мавзӯҳои «Ифротгароӣ чист?», «Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва одобу рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ», «Пешгирии касалиҳои сирояткунанда», «Фарҳанги гигиенӣ-гарави саломатӣ», «Зан ва саломатӣ», маҳфили «Забон донӣ, ҷаҳон донӣ» ва ғ. баргузор карда мешаванд. Баргузории чунин чорабиниҳо барои бартараф кардани тамоюли гаравиши ҷавонон ба мафкураи ҷараёнҳои тундраву тахрибкор мусоидат менамояд. Яке аз самтҳои фаъолияти донишкада дар ин ҷода дар доираи барномаҳои махсуси таълимӣ таҳия намудани саҳначаҳои ҳаҷвӣ, спектаклҳои дипломии шуъбаҳои актёрӣ, режисёрони намоишҳои театрикунонидашуда ва филми бадеӣ ҷиҳати мазаммат намудани рафторҳои номатлуб, зери танқид гирифтани амалҳои ба экстремизм ва терроризм мусоидаткунандаро дар бар мегирад.

Раёсати Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода ҷиҳати иҷрои бандҳои «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» нақша - чорабинии махсус таҳия намуда, дар доираи он корҳои муайянеро анҷом медиҳад. Бо мақсади пешгирӣ намудани омилҳои бавуҷудоварандаи ҳолатҳои коррупсионӣ дар раванди таълим имтиҳонҳо пурра дар

Маркази тестӣ ва хизматрасонии техникӣ тариқи тестӣ қабул карда шуда, бе таъсири омилҳои инсонӣ сурат мегиранд. Ҳамчунин, имтиҳонҳои эҷодӣ дар кафедраҳо бо иштироки ҳамаи устодони кафедра шаффоф сурат гирифта, протокол карда мешаванд.

Аз соли нави хониши 2017-2018 шуъбаҳои ғоибона ба низоми фосилавии таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки ин раванд низ барои роҳ наёфтани амалҳои коррупсионӣ дар ҷараёни таҳсили бахшҳои ғоибона мусоидат мекунад.

**Вазъи пойгоҳи моддӣ - техникӣ**

ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода дорои базаи бузурги моддию техникиест, ки барои рушду нумуи фарҳангу санъати касбӣ ва иҷрои саривақтии вазифаҳову уҳдадориҳои шуъбаи таълиму тарбия, илм ва муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Айни замон донишкада дорои 2 корпуси таълимӣ, 1 толори консертии Арғунун, дорои 350 ҷойи нишаст, 1 театри таълимӣ, дорои 300 ҷойи нишаст, 1 хобгоҳ, ки масоҳаташ 2,60 метри мураббаъро дар бар мегирад, майдони варзишгоҳ, толори варзишӣ ва ошхонаи донишҷӯӣ мебошад. Ҳамчунин, ҳамаи синфхонаҳо, махсусан синфхонаҳои тахассусие, ки дар онҳо дарсҳои ихтисосӣ гузаронда мешаванд, бо технологияи муосир ва овезаҳо (плакатҳо) таҷҳизонида шудаанд. Ҷиҳозонидани синфхонаҳо, агар аз як тараф боиси инкишофи таълиму тарбия гардад, аз ҷониби дигар барои ташаккули шахсияти донишҷӯ мусоидат менамояд.

Моликияти умумии донишкада, шурӯъ аз солҳои 90-ум то оғози 2000-ум, ба шакли муайян дароварда шудааст. Аммо қайди ҳақиқии моликият ва тарзи истифодаву дар амал ҷорӣ намудани бисёре аз иншоот то соли 2017 дар рӯйхати моликияти давлатӣ сабт нашудаанд. Бинобар ин, охири соли гузашта зимни муроҷиат ба мақомоти дахлдор шиносномаи техникии донишкада иваз карда шуда, қитъаҳои аз сертификати аввала берунмонда аз нав ба он дохил карда шуданд.

Донишкада дорои 3 техника мебошад, ки аз ин 2 тояш аз таъмир бароварда шуда, айни замон коршоям мебошанд. Як автомашинаи дар ҳолати корношоямии техникӣ қарордошта, барои ба музоядаи хариду фурӯш гузоштан, омода шудааст.

Ҳолати биноҳои донишкада хуб буда, то андозае ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Аммо, дар маҷмӯъ, биноҳо ва майдонҳои варзишии ҳам берун ва ҳам дохил ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Дар сурати дар кутоҳтарин фурсат мавриди таъмир қарор нагирифтани биноҳо дохил ва берунашон пурра фарсуда гашта, ин омил низ боис мегардад, ки раванди таълим суст гардад.

Дар чаҳорчӯбаи марҳилаи дуюми Дурнамо пешниҳод карда мешавад, ки инфрасохтори биноҳои варзишӣ ба таври муосир сохта ва истифода дода шаванд, то ин ки ба пешрафти дарс ва роҳандозии усулҳои фаъоли таълим мусоидат кунанд. Бо ин мақсад лоиҳаи бинои

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

варзишгоҳи таълимии ҳозиразамон аз ҷониби Институти лоиҳакашӣ пешниҳод гардидааст ва он бояд ба феҳрасти иншооти сохтмонҳои пойтахт дар соли 2018 ворид гардад ва корҳои сохтмонӣ оғоз шаванд.

Дар баробари тайёр намудани ихтисосҳои илмӣ- таълимӣ зарур аст, ки ба ҷиҳозонидани синфхонаҳо ва майдонҳо низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардад. Зеро, айни замон дар донишкада ин амалҳои зарурӣ дар самти мазкур риоя намегардад. Аз ҷумла, тибқи стандарти таълимӣ дар донишкада бояд синфхонаи лингафонӣ, барои омода намудани журналистон, вуҷуд дошта бошад, аммо чунин синфхона фаъолият надорад. Бинобар ин, омӯзиши лоиҳаи сохтмони бинои иловагӣ дар болои даромадгоҳи бинои факултети мусиқӣ-омӯзгорӣ айни замон идома дошта, дар сурати хулосаҳои мусбати ниҳодҳои дахлдор, сохтмони синфҳои иловагӣ дар ин ҷо оғоз мешавад. Дар натиҷаи ин корҳо донишкада соҳиби якчанд синфхонаи нави таълимӣ ва кабинетҳои тахассусии муҷаҳҳаз мегардад. Вале ин талаботи донишкадаро барои таъмини утоқҳои таълимию ёрирасон пурра қонеъ намесозад ва зарурияти мурочиат ба сохторҳои дахлдор барои сохтмони корпуси нави таълимӣ боқӣ мемонад. Айни замон қисми хоҷагидории донишкада ҳуҷҷатҳои вобаста ба лоиҳаи сохтмони чунин биноро, ки дар охири солҳои 80-ум тартиб дода шуда будааст, аз бойгонии институтҳои лоиҳакашӣ ҷустуҷӯ ва омӯхта истодааст.

Зарур аст, ки ба хатмкунандагони бакалавриат бо ихтисоси «Кино» ҷиҳати рушду такомул бахшидани ҳунару маҳораташон дар рафти таълим кабинетҳо ва синфхонаҳои махсуси компютерӣ, устохонаҳои ҳунарӣ-тахассусӣ, студияҳо, суратгирхонаҳо, чопхона, матбаа, ташхисгоҳҳо, асбобҳои нақшакашиву тарҳрезӣ ва дастгоҳҳои равшанидиҳанда вуҷуд дошта бошанд. Мутаассифона, донишкада таҷҳизоти мазкурро надорад ва қисми ками таҷҳизоте, ки дастрас аст, таъмирталабу фарсуда мебошад.

Ҳадди ақал зарурияти таъминоти моддию техникӣ барои дар амал ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимӣ ва омода намудани ихтисоси «Низоми иттилоотӣ дар фарҳанг» зарур аст. Ҳамчунин, синфхонаҳои компютерӣ, таъмини дастгоҳои барномавӣ (мувофиқ ба маводи методӣ), машғулиятҳои технологияи умумӣ, машғулият оид ба ташхиси технологӣ, гузарондани таҷриба аз фанҳои ихтисосӣ, студияи замонавии сабти овоз ва наворбардорӣ барои доир намудани машқҳо (трейнинг) ва дарсҳои технологӣ-машваратӣ, барои донишҷӯёни шуъбаҳои рӯзноманигори телевизион, режиссураи кино ва телевизион, студияи телевизиони таълимӣ ва лабораторияи эҷодии банаворгирии филмҳои таълимӣ ва корҳои дипломӣ, дастурҳои таълимии ёридиҳанда ва синфхонаҳои таълимии ҷиҳозонидашуда бо асбобу ашё ва технологияи равшанидиҳанда, барои мутахассисони муосири соҳаи фарҳанг, хеле муҳим мебошанд. Илова бар ин, барои гузарондани рӯнамоиҳо (презентатсияҳо) дар сатҳи баланд компютер, асбобҳои муосири равшандиҳанда, прожекторҳо ва дигар технологияи муосир, ки

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

ба рушди истеъдоди мутахассисони соҳаи кино ва журналистикаи телевизион мусоидат менамоянд, хеле зарур аст.

Таҳлили гузарондашуда нишон дод, ки барномаҳо ва дастгоҳҳои ҷории донишкада куҳнаву фарсуда гардидаанд ва синфхонаҳои тахассусӣ кам мебошанд. Технологияи муосир, асбобу ашё ва дастгоҳҳои зарурӣ низ басанда нестанд. Проблемаҳои ҳалталабе мавҷуданд, ки ба ҷараёни дарсҳои амалӣ-таҷрибавии ҳамаи ихтисосу равияҳое, ки донишкада омода менамояд, халал ворид месозанд. Аз ҷумла, дар амал ҷорӣ намудани омӯзиши дарсҳо дар чаҳорчӯбаи забони англисӣ имкон намедиҳад, ки ҳамаи ҷанбаҳои фанҳои тахассусӣ бо забони англисию русӣ мавриди омӯзиш қарор гиранд. Нарасидани кабинетҳои лингафонӣ эҳсос карда мешавад. Умуман, синфхонаҳои муҷаҳҳаз барои татбиқи ҳамаи барномаҳои илмӣ - таълимӣ мавҷуд нестанд. Инфрасохтори иттилоотӣ низ таҷҳизи муназзамро талаб менамояд. Донишкада уҳдадор аст, барномаҳои дар ихтиёрдоштаашро бо иҷозатнома таъмин намояд. Бо ин мақсад насби барномаи 1С оғоз гардида, дар ҷараёни он бояд кормандони шуъбаҳои муҳосибот, раёсати таълим, маркази таълими фосилавӣ бозомӯзӣ карда шаванд. Дар ҳолати иҷро нашудани ин амал барномаҳои зарурӣ дар компютерҳои гуногун ҷойгир кунонда шуда, маълумоти гуногуну хилофи ҳамдигар дастраси раёсат мешаванд. Барои ҳамин қисме аз амалҳои идоракунию иттилоотрасонӣ номуккамаланд.

Маврид ба зикр аст, ки проблемаҳо дар соҳаи таъмини иттилоот, барномаҳо ва танзими таълими фосилавӣ хеле зиёд буда, аз ҷумла заминаи мусоиде барои таъсиси таълими фосилавӣ ва омӯзиши электронӣ фароҳам оварда нашудааст. Дар истифодаи манбаҳои электронӣ мактаби олиро зарур аст, ки ҳар як таҳсилкунандаро дар вақти омода намудани кори мустақилона бо масоҳати меъёрӣ дар синфхонаи компютерӣ таъмин намуда, воридшавии онҳоро ба интернет дар доираи чаҳорчӯбаи барномаи таълимӣ ва мутобиқ ба ҳаҷми фанҳои омӯзишӣ пурра зери назорати махсус қарор диҳад. Нарасидани тахтаҳои электронӣ, эпидиаскоп ва ғайра ин равандро мушкил гардонда истодааст. Ҳамчунин, истифодаи дурусту оқилона ва дастрасӣ ба технологияи навин яке аз проблемаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода равия ва ихтисосҳоеро, ки дар асоси мавҷудияти иҷозатнома ва барномаи таълимӣ омода менамояд, бояд ин гуна технологияҳоро дошта бошад.

| № | Ҷанбаҳои пешрафта | Ҷанбаҳои мушкилидошта |
|---|---|---|

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ИНСТИТУТ КУЛЬТУРЫ И ИСКУССТВ им. МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ
ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Ҳайати ҳирфаии профессорону устодон, ки дорои таҷрибаи бойи фаъолияти касбию омӯзгорӣ мебошанд. Аз 220 нафар ҳайати устодон 36% дорои унвонҳои илмию ҳунарӣ мебошанд:<br>2 узви вобастаи АИ ҶТ<br>5 доктори илм<br>32 номзади илм<br>6 профессор<br>21 дотсент<br>25 унвонҳои фахрӣ | Ҳадди синну солии ҳайати устодони унвондор аз 40 боло аст. То синни 35 - сола 60%-ро ташкил медиҳад, вале соҳиби унвонҳои илмӣ нестанд. |
| 2. | Анъанаи пешсафӣ дар тарбияи мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат, табъу нашр вуҷуд дорад. | Тарбияи мутахассисони роҳбарикунандаи ҷавон дилхоҳ нест. |
| 3. | Амалияи такмили ихтисоси устодон ба роҳ монда шудааст. | Сатҳи забономӯзӣ ва фарогирии донишҳои техникии устодон беҳбудӣ металабад. |
| 4. | Дар донишкада низоми магистратура, доктор (Phd) ва аспирантура амал мекунад. | Ҷалби хатмкунандагон барои идомаи таҳсил ба магистратура, доктор (Phd) ва аспирантура қаноатбахш нест. Бештари ҷойҳо холӣ боқӣ мемонанд. |
| 5. | Дар донишкада аз рӯи 2 мавзӯъ корҳои таҳқиқотӣ пеш бурда мешавад. | Аксарияти кафедраҳо мавзӯҳои илмӣ надоранд ва барои ҷалби маблағҳои иловагӣ кӯшиш намекунанд. |
| 6. | Дар заминаи ташкили мактабҳои «Устод-шогирд» тарбияи таҳассусии донишҷӯён аз рӯи равияҳои алоҳидаи ҳунарӣ ба роҳ монда шудааст. | Ба таври мукаммал мактабҳои илмию эҷодии устодони донишкада васеъ ташаккул наёфтааст. |
| 7. | Нашриёҳо ва сомонаҳои донишкада фаъолияташонро ба роҳ мондаанд. | Дар маҷмӯъ, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва маҷаллаҳо, асарҳою навиштаҳои устодон камтар чоп мешаванд. |
| 8. | Фаъолияти эҷодии устодону донишҷӯён ба воситаи ВАО тарғиб мешавад ва ин барои ба даст овардани имиҷи мусбати донишкада мусоидат мекунад. | Пешниҳоди асарҳои, дар сатҳи ҳунари касбӣ, мусиқии касбӣ иҷрошуда камтар ба назар мерасад. Иштироки омӯзгорону донишҷӯён дар озмуну фестивалҳои касбӣ кам ба мушоҳида мерасад. |
| | Низоми назорат аз болои сатҳи сифати дониш ва донишандӯзӣ ба | Сатҳи сифати дониши донишҷӯён дар дараҷаи дилхоҳ қарор |

ШУЪБАИ УМУМӢ ОБЩИЙ ОТДЕЛ

| | | |
|---|---|---|
| | роҳ монда шудааст. | надорад. |
| 10. | Талабот дар бозори меҳнат ба мутахассисони тайёрнамудаи донишкада мушоҳида мешавад. | Ташкили ҷойҳои муносиби корӣ ва сатҳи маош барои кормандони соҳа бозингариро тақозо менамояд. |
| 11. | Барои таъмини заминаи методию машваратии раванди таълим чорабиниҳо доир шудаанд. | На аз рӯи ҳамаи фанҳои таълимӣ маводи услубӣ ва матнҳои лексионӣ таҳия шудааст. |
| 12. | Ҷойи зист барои донишҷӯён дар хобгоҳи донишкада пешниҳод мегардад. | Ҳамагӣ 29% донишҷӯёни бахши рӯзона бо хобгоҳ таъминанд. |
| 13. | Заминаи моддию техникии раванди таълим инкишоф ёфта истодааст. Якчанд синфхона бо проекторҳо, тахтаҳои электронӣ муҷаҳҳаз гардид. | Барои бо техникаи пешрафта таъмин кардани пойгоҳи таълимии донишкада сарчашмаҳои молиявӣ маҳдуданд. |
| 14. | Маркази таҳсилоти фосилавӣ амал мекунад ва системаи идоракунию назорати соҳавӣ насб шудааст. | Норасоии дастгоҳҳои муосири телекоммуникатсионӣ дар раванди таълими фосилавӣ ва кредитӣ ҷой дорад. |
| 15. | Муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи донишкада бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. | Ҷалби имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олии ҳамшарики донишкада дар тарбияи кадрҳо мубодилаи донишҷӯёну устодон пешбурди таҳқиқот пурра истифода намешавад. |
| 16. | Синфҳои ҷиҳозонидашудаи компютерӣ мавҷуд аст. | Баъзе аз намудҳои техникаи дар раванди таълим истифодашаванда фарсуда шудааст ва ниёз ба харидории техникаи нав эҳсос мешавад. |
| 17. | Барои таъмини худидоракунии донишҷӯён замина фароҳам оварда шудааст ва масъули бахши кор бо ҷавонон бо маоши вазифавӣ аз маблағҳои буҷетӣ ва суратҳисоб таъмин аст. | То имрӯз сатҳи ба раванди худидоракунӣ ҷалб кардани донишҷӯён пурра ҳалли худро наёфтааст. |
| 18. | Дар донишкада чандин дастаҳои ҳунарӣ, маҳфилҳо ва ғайра амал мекунанд. | Дар бахши варзишӣ низоми самараноки ташкили лексияҳои варзишӣ бо ҷалби устодону донишҷӯён ба роҳ монда нашудааст. |
| 19. | Нашриҳои донишкада, маҷаллаи илмии «Фарҳанг ва ҳунар» ва рӯзномаи «Олами ҳунар» ба табъ | Фаъолнокии устодону аспирантон ва унвонҷӯён барои пешниҳоди мақолаҳои илмӣ |

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

| | | |
|---|---|---|
| | мерасанд. | барои нашр ба нашрияҳои донишкада ва берунӣ суст аст. |
| 20. | Донишкада дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии соҳавӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад. | ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода дар низомҳои рейтингии байни муассисаҳои таҳсилоти олии ватанӣ ҷойи намоёнро алҳол ишғол намекунад ва ба рейтингҳои байналмилалӣ ҳамрох нашудааст. |
| 21. | Дар донишкада барои пазироии муносиби меҳмонон, довталабон, ташкили чорабиниҳо бо дархости муассисаҳо заминаҳо муҳайё мебошанд. | Донишкада айни замон атрибутҳои бренди худиро (аз ҷумла логотип, гимн) надорад. |
| 22. | Дар донишкада самтҳои нодири тайёр намудани кадрҳои соҳаи фарҳангу санъат амал мекунад. | На ҳамаи тахассусҳои барои соҳаи фарҳанг ва санъати кишварамон зарурӣ дар донишкада тайёр карда мешавад. |
| 23. | Барои назорати иҷрои корҳои илмии аспирантону докторантон ва устодон заминаҳо мавҷуданд. Барои ифтитоҳи шӯроҳои дифоъ кӯшиш мешавад. | Масъулияти кафедраҳои тахассусӣ дар тарбияи кадрҳои илмии соҳавӣ мушоҳида намешавад. |
| 24. | Низоми идоракунии муносиби хоҷагидорию молиявӣ ба роҳ монда шудааст. | Пардохти фоизи баланди андоз аз даромадҳо, ки имрӯз 10%-ро ташкил медиҳад, барои беҳтар кардани вазъи молиявии донишкада монеа эҷод менамояд. |
| 25. | Ҳисоботҳои молиявӣ саривақт ба муассисаҳои дахлдор пешниҳод мешавад ва хизматрасониҳо ба таври истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ монда шудааст. | Дар заминаи 1С автоматикунонии равандҳои асосии идоракунии молиявӣ ва минбаъд фарогирии ҳисоботҳои системаи таълим, кадрҳо, гардиши ҳуҷҷатгузорӣ бо ин роҳ ба амал бароварда нашудааст. Зарурияти таъмини инфрасохтори замонавии серверӣ вуҷуд дорад. |
| 26. | Дар бахши таълим, илм, тарбия бо истифода аз захираҳои мавҷудаи бастҳои корӣ ва гирифтани бастҳои нави корӣ, сохторҳои зарурӣ дар соли хониши 2017-2018 ташкил шуд. | Ба таври истифодаи 1Т таъмин намудани назорати тамоми сикли таҳсили донишҷӯён, раванди иҷрои корҳои илмӣ, фаъолияти байналмилалӣ, баҳодиҳии |

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ИНСТИТУТ КУЛЬТУРЫ И ИСКУССТВ им. МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ
ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

| | | |
|---|---|---|
| | Мутахассисони ҳирфаӣ ба кор ҷалб гардиданд. То имрӯз самаранокии фаъолияти онҳо мушоҳида намешавад ва маълумотҳояшон аксар маврид иштибоҳ дошта, дар барандагони коғазӣ пешниҳод мешавад. | фаъолияти устодон татбиқ нашудааст. Ин барои дарёфти мақоми инноватсионии донишкада монеа эҷод мекунад. |
| **27.** | Барои ба манбаи ягонаи иттилоотӣ ворид кардани адабиёти китобхонаи илмӣ чораандешӣ ба назар мерасад. | Китобхонаи илмии донишкада ва китобхонаи электронӣ пурра дастрасии ҷӯяндагонро ба манбаъҳои иттилоотӣ ва фонди адабиёт таъмин накардаанд. |

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

# БОБИ 3. КОНСЕПСИЯҲОИ МАҚСАДНОКИ ДАСТГИРИИ СТРАТЕГИЯИ ИНКИШОФИ МУАССИСА

**Ҷадвалҳо оид ба ҳолати имрӯзаи вазъи таълим, захираи кадрӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ, эҷодӣ**

**Барномаи амалии инкишофи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода барои солҳои 2018-2022**

| № | Самт ва чорабиниҳо | Мӯҳлати татбиқ | Натиҷа | Манбаи хароҷот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | **Фаъолияти таълимӣ** | | | |
| 1.1 | Татбиқи раванди самараноки таълимӣ барои тарбияи мақсадноки мутахассисони соҳа дар заминаи меъёру нақшаҳо ва низомномаҳои пешниҳоднамудаи вазорату идораҳои давлатӣ | 2018-2022 | Баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар донишкада | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.2. | Ташкили назорати доимӣ барои беҳтар кардани фаъолияти таълимию услубии омӯзгорон ва самаранокии он | 2018-2022 | Таъмини заминаҳо барои аз аккредитатсияи давлатӣ дар соли 2019 гузаштан | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.3. | Бо маводи ёрирасони таълимӣ таъмин намудани раванди таълим аз рӯи фанҳои тахассусӣ | 2018-2022 | Нашри маводи ёрирасони таълимӣ ва ғун кардани онҳо дар сомонаҳои донишкада | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.4. | Ташкил ва таъмини фанномаҳои таълимӣ барои хатмкунандагони низоми кредитии таҳсил | 2018 | Мақсаднок ва саривақт барои ба фаъолият оғоз намудани хатмкунандагон замина фароҳам овардан | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.5. | Сифатан беҳтар кардани сафи довталабони роҳёфта барои дарёфти номи баланди донишҷӯӣ аз рӯи ихтисосҳои эҷодӣ | 2018-2022 | Ба тадриҷ ба ихтиёри донишкада баргардондани салоҳияти қабули | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |

ШУЪБАИ УМУМӢ ОБЩИЙ ОТДЕЛ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | довталабон аз рӯи ихтисосҳои эҷодӣ | |
| 1.6. | Ҷалби донишҷӯён аз кишварҳои хориҷӣ барои таҳсил дар донишкада | 2018-2022 | Ба даст овардани сарчашмаҳои иловагии маблағгузорӣ | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.7. | Бо стандартҳои таълимии кишварҳои пешрафта мутобиқ сохтани нақшаҳои таълимии донишкада аз рӯи блокҳои 3 ва IV | 2018-2022 | Фароҳам овардани заминаҳо барои баробарарзиш намудани дипломҳои донишкада бо кишварҳои пешрафта ва мобилнокии донишҷӯён | |
| 1.8. | Кушодани ихтисосҳои барои соҳаи фарҳанг ва санъати мамлакат муҳим аз рӯи тахассусҳои «муносибатҳои байналмилалии фарҳангӣ», «низоми иттилоотӣ дар фарҳанг», «драматургия» | 2018 | Мусоидат ба татбиқи «Барномаи тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашр барои солҳои 2018-2022» | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.9. | Ба роҳ мондани таҳсилоти фосилавӣ аз рӯи бештари ихтисосҳои амалкунанда | 2018-2019 | Иҷрои барномаи гузариш ба таҳсилоти фосилавӣ | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.10. | Ҷалби бештари довталабон барои таҳсил дар донишкада | 2018-2022 | Боло бардоштани нуфузи донишкада | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.11. | Ташкили мубодилаи донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҳамшарик дар кишварҳои хориҷи дуру наздик | 2019-2022 | Бастани шартномаҳо ва татбиқи онҳо | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.12. | Тавсеаи ҳамкориҳои таълимӣ бо муассисаҳои:<br>- минтақаҳои Осиёи Марказӣ<br>кишварҳои дигари ИДМ хориҷи дур | 2018-2022 | Татбиқи таҷрибаомӯзиҳо, мубодилаи устодону донишҷӯён, татбиқи | Барномаҳои грантӣ |

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА • ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ИНСТИТУТ КУЛЬТУРЫ И ИСКУССТВ ИМ. МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ
ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | барномаҳои грантӣ | |
| 1.13. | Бо таҷҳизоти муосири таълимӣ ҷиҳозонидани синфхонаҳо | 2018-2022 | Ба фазои ягонаи иттилоотии таълимӣ ворид шудан | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.14. | Ба роҳ мондани механизмҳои муосири идоракунии раванди таълим | 2018-2022 | Таъсиси сохторҳои нав дар бахши таълим | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.15. | Таъсиси факултетҳо дар заминаи ихтисосҳои самти мустақилдошта | 2019-2020 | Такмили сохтори идоракунӣ | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.16. | Таъмини раванди фанҳои мусиқӣ бо созҳои махсус | 2018-2020 | Такмили маҳорати навозандагон | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.17. | Харидории сози мусиқии роял барои толори консертӣ | 2018-2019 | Мусоидат барои сайқал ёфтани маҳорати навозандагии донишҷӯён | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.18. | Сохта ба истифода додани толори таълимии варзишӣ | 2018-2022 | Ташаккули фарҳанги ҷисмонии донишҷӯён | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.19. | Ташкили фонетикаи мусиқии халқӣ (классикӣ) | 2018-2020 | Нигоҳдории дастовардҳо аз маҳоратҳои касбии устодону донишҷӯён | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.20. | Таъмини раванди таълим бо адабиёти таълимӣ ва воситаҳои ёрирасони он | 2018-2022 | Беҳтар кардани фонди китобхонаҳои илмӣ ва электронӣ | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 1.21. | Таъмини синфхонаҳои лексионӣ бо тахтаҳои электронӣ | 2018-2019 | Ворид шудан ба низоми муосири технологияи таълим | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2. | **Фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва робитаҳои байналмилалӣ** | | | |
| **2.1** | Ташкили шӯроҳои дифоъ | | | |
| **2.2** | | | | |
| **2.3** | | | | |
| 3 | **Фаъолияти эҷодӣ** | | | |
| **3.1.** | **Такмилу инкишофи раванди фаъолияти эҷодӣ дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода** | | | |
| **3.1.** | Дастгирӣ ва инкишофи фаъолияти дастаҳои ҳунарии донишкада тавассути ҷалби онҳо ба чорабиниҳои сатҳи гуногуни дохилию берунӣ | **2018-2022** | Харидорӣ ва ташкили дӯхтани либосҳои саҳнавии аъзои дастаҳои ҳунарӣ дар заминаи донишкада | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| **3.2.** | Харидории воситаҳои техникии муосири равшанидиҳанда барои театри таълимӣ | **2018** | Беҳтар кардани шароити хизматрасонии техникӣ дар театри таълимӣ | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| **3.3.** | Ташкили телестудияи таълимии донишкада барои донишҷӯёни бахши рӯзноманигори телевизион | **2018-2019** | Дар доираи донишкада омода кардани корҳои курсӣ ва лоиҳаҳои дипломии донишҷӯёни рӯзноманигори телевизион | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| **3.4.** | Харидории асбобҳои мусиқӣ | | | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| **3.5.** | Татбиқи амалияи мактаби «Устод - шогирд» бо ҷалби ҳунарпешагони маъруфи ватанию хориҷӣ | **2018-2022** | Инкишофи мактабҳои эҷодӣ дар самти соз ва овоз, санъати театрӣ, санъати хореографӣ | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |



ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3.6. | Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо дастаҳои ҳунарии касбӣ ва бо ин роҳ ташкил намудани барномаҳои ҳунарӣ | 2018-2022 | Бастани шартномаҳо оид ба ҷалби маблағҳои иловагӣ ба донишкада | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 3.7. | Ташкили лавҳаҳои тарғиботӣ дар даромадгоҳи донишкада оид ба рӯзҳои чорабиниҳои фарҳангию ҳунарӣ | 2018 | Ҷалби сокинони маҳаллаҳои гирду атроф ба чорабиниҳои донишкада | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 4. | **Фаъолияти тарбиявӣ** | | | |
| 4.1. | Дар асоси «Консепсияи миллии тарбия» ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи худшиносӣ ва худогоҳии миллии донишҷӯён, маърифати шаҳрвандии онҳо, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, арҷгузорӣ ба фарҳанги миллӣ ва ғайра | 2018-2022 | Татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти тарбияи ҷавонон | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 4.2. | Фаъол гардондани иштироки донишҷӯён дар корҳои тарбиявию фароғатӣ ва ҷамъиятӣ бо назардошти ташаккули маърифати сиёсию ҳуқуқии онҳо | 2018-2022 | Тақвияти амалияи худидоракунӣ дар байни донишҷӯён | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| 4.3. | Баргузор намудани суҳбату вохӯриҳо дар хобгоҳи донишҷӯён ҷиҳати тарғиби хислатҳои шоистаи дунявии давлат ва дарёфти роҳҳои судманди пешгирии омилҳои бегонагароӣ бо ҷалби коршиносону мутахассисон аз сохторҳои | 2018-2022 | Шиносоии бештари ҷавонон бо моҳияти давлати дунявӣ ва пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ дар байни онҳо | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |

ШУЪБАИ УМУМӢ ОБЩИЙ ОТДЕЛ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | дахлдори мамлакат | | | |
| 4.4 | Ташкили гурӯҳҳои таблиғотӣ ва таҳлилӣ дар тамоми факултетҳои донишкада оид ба фаҳмондадиҳии тартиботи дохилидонишкадавӣ ва пешгирию ошкорсозии рафторҳои номатлуб | **2018-2022** | Беҳтар кардани раванди назорати фаъолияти донишҷӯён | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| **5.** | **Инкишофи инфрасохтор ва замонавӣ гардондани пойгоҳи моддию техникӣ** | | | |
| **5.1.** | Насби камераҳои иловагии назоратӣ дар гирду атрофи донишкада ва синфхонаҳои лексионӣ. Ҳамчунин, пайванднамоии онҳо ба сервери ягона | **2018-2019** | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| **5.2.** | Таҳияи санадҳои нуқсонӣ барои рангуборнамоии беруни бинои асосӣ ва таъмири берунии бинои факултети мусиқӣ-омӯзгорӣ | | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| **5.3.** | Сохта ба истифода додани синфхонаҳои иловагӣ дар болои пештоқи бинои факултети мусиқӣ-омӯзгорӣ | **2018** | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| **5.4.** | Таъмири асосии бинои хобгоҳи донишҷӯён | **2018** | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| **5.5.** | Дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ба тавозуни донишкада ворид кардани қисми бинои хобгоҳ, ки аз соли 2014 дар истифодаи ҶДММ «Замондошт» қарор дорад. | **2018** | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси донишкада |
| **5.6.** | Ба рӯйхати иншооти сохташавандаи шаҳрӣ ворид намудани лоиҳаи бинои варзишгоҳи | **2019** | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоби буҷетӣ Суратҳисоби махсуси |

ШУЪБАИ УМУМӢ ОБЩИЙ ОТДЕЛ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | таълимӣ | | | донишкада |
| 5.7. | Барои маркази таҳсилоти фосилавӣ таъмир намудани синфхонаи компютерӣ | 2018 | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоб и буҷетӣ Суратҳисоб и махсуси донишкада |
| 5.8. | Пешбурди корҳои ободонӣ, шинондани гулу дарахтҳои сояафкан дар ҳудуди донишкада | 2018-2022 | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоб и буҷетӣ Суратҳисоб и махсуси донишкада |
| 5.9. | Гузарондани хати оби гарм ба биноҳои таълимии донишкада | 2018 | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоб и буҷетӣ Суратҳисоб и махсуси донишкада |
| 5.10. | Таҳияи санади нуқсонӣ барои ба хати оби гарм пайвастани хобгоҳ | 2020 | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоб и буҷетӣ Суратҳисоб и махсуси донишкада |
| 5.11. | Гирифтани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи истифодаи заминҳои ҳудуди донишкада | 2018 | Санади ичроиши корҳо | Суратҳисоб и буҷетӣ Суратҳисоб и махсуси донишкада |

ШУЪБАИ УМУМӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ